# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Иззатуллозода Алихон Саидкул дар мавзуи «**Ҷудокунии кислотаҳои органикӣ ва лактонҳо аз таркиби газнаи духонагӣ (*Urtica Dioica L.*)**», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ пешниҳод шудааст

Мубраммии мавзуи таҳқиқи диссертатсионии Иззатуллозода Алихон Саидкул ин дар самтҳои асосии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2040 дар назди илм коркарди роҳҳои муфиди таҳқиқоти илмӣ оид ба дастории моддаҳои органикӣ, моддаҳои фаъоли биологӣ аз растаниҳои шифобахш ва корҳои иноватсионӣ гузошта шудааст.

Аз ин рӯ, вазифаҳои асосие, ки дар назди химияи органикӣ гузоштәшудааст, ин пеш аз ҳама такмили номгӯйи маводди моддаҳои органикӣ, моддаҳои фаъоли биологӣ аз растаниҳои шифобахш бо роҳи экстраксия, ҷудокунӣ, омӯзиши мунтазами онҳо ва пайванди натиҷаи ба дастомада дар истеҳсолот мебошад.

Иззатуллозода Алихон Саидкул (Иззатуллоев Алиқул Саидқулович) 04.12.1979 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Соли 1996 мактаби миёнаи №30-и ноҳияи Совет (ҳозира Темурмалик)-ро хатм намудааст. Соли 1998 ба факултети биологияи ДДМТ дохил шуда, онро соли 2004 бо ихтисоси муаллими биология ва химия хатм намудааст. Коромӯзи кафедраи экология (2004-2005), мутахассиси шуъбаи кор бо ҷавонони ДМТ (2003-2006), аспиранти кафедраи экология (2006-2008), ассистенти кафедраи экология (01.01.2009 то 11.03.2014), муаллими калони кафедраи экология (аз 11.03.2014 то имрӯз) муовини раиси Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯёни ДМТ (2007-2014), муовини декани факултети тиббию фарматсевтӣ оид ба таълим (аз сентябри соли 2011 то сентябри 2015), муовини декани факултети фарматсевтӣ оид ба таълим (аз сентябри соли 2015 то 08.04.2020), эдвайзери дараҷаи 2-юм дар факултети тиббӣ (аз 08.04.2020 то 04.02.2023), иҷрокунандаи вазифаи декани факултети тиббӣ (аз 04.02.2023 то ҳол) фаъолият намудааст.

Кори диссертатсионӣ аз муқкадима ва 3 боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда, ки 134 номгуйро дар бар мегирад, аз он ҷумла 114 номгуйи бо забони русӣ ва тоҷикӣ 20-хориҷӣ ва 13- номгуйи корҳои илмии довталаб иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ ассоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёби гардида, объект ва

мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби аввали кори диссертатсионӣ ба ҷустуҷӯи адабиёти илмӣ оид ба экстраксия, ҷудокунии пайвастаҳои органикӣ аз қисматҳои рӯизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ (*Urtica Dioica L.*)-и минтақаҳои ватанӣ ва хориҷи кишвар, тоза намудани пайвастаҳои ҷудокардашуда ва таҳқиқи физикӣ-химиявию биологии онҳо бо мақсади дарёфти пайвастаҳои дорои моддаҳои фаъоли биологӣ асосёфта таваҷҷуҳ дода шудааст. Дар ин боб адабиёт оид ба хусусиятҳои ботаникӣ, истифодаи газна дар тибби халқӣ, ниёгон ва ҳозиразамон, хусусиятҳои ботаникии авлоди газнаи духонагӣ (*Urtica Dioica L*), истифодаи газна дар тибби халқӣ маълумот гирд оварда шудааст.

Дар боби дуюм «Қисми эксперименталӣ (таҷрибавӣ). Объекти таҳқиқот ва шароити гузаронидани таҷрибаҳо» Барои иҷрои кори дисертатсионӣ объекти таҳқиқот газнаи духонагӣ (*Urtica Dioica L*), ки дар шароити иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯяд мавриди омӯзиш қарор гирифта шуданд. Усулҳои химиявии омӯзиши таркиби решаи газнаи духонагӣ, усулҳои фармакологии омӯзиши экстракти решаи газнаи духонагӣ, усулҳои биохимиявии дар раванди таҳқиқот истифода гардида, усулҳои гематологии дар раванди таҳқиқот истифода гардида, таъсири экстракти ғавси решаи газнаи духонагӣ ба нишондодҳои физиологӣ ва биохимиявии хун, нишондодҳои заҳрнокии экстракти ғавси решаи газнаи духонагӣ, хусусияти зидди илтиҳобии экстракти ғавси решаи газнаи духонагӣ, натҷаҳои омӯзиши таъсири мавзеъи экстракти ғавси решаи газнаи духонагӣ, таъсири экстракти ғавси решаи газнаи духонагӣ ба фаъолияти пешобҳосилкунии гурда, хусусиятҳои зидди бактериявии экстракти решаи газнаи духоангӣ, таъсири экстракти ғавси решаи газнаи духонагӣ ба системаи лахташавии хун, таъсири экстракти ғавси решаи газна ба нишондодҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар калламушҳои таҷрибавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар боби сеюм маълумот оид ба методҳои таҳлили спектри инфрасурх, спектри массавӣ, резонанси магнитии ядро, резонанси магнитии протон, таҳлили элементӣ, реаксияҳои сифатӣ, хроматографияи маҳинқабат ва хроматографияи баланэффект барои муайян кардани сохт, таркиб ва тозагии пайвастаҳои ҷудокардашуда аз экстрактҳои қисматҳои рӯизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ (*Urtica Dioica L.*)-и минтақаи ноҳияи Шаҳринав амалӣ карда шуданд.

Ҳамин тариқ таҳқиқотҳои биологии пайвастаҳои ҷудокардашуда аз экстрактҳои қисматҳои рӯизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ

(*Urtica Dioica L.*)-и минтақаи ноҳияи Шаҳринав гузаронида шуда, хусусиятҳои зидди илтиҳобӣ, пешобронии он муайян карда шуданд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои ассосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса диссертатсияи Иззатуллозода Алихон Саидкул дар мавзуи «**Ҷудокунии кислотаҳои органикӣ ва лактонҳо аз таркиби газнаи духонагӣ (*Urtica Dioica L.*)**» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03-Химияи органикӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
профессори кафедраи
химияи органикии ДМТ,
доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода С.И.
«28» ноябри 2024

Суроға: 734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
4 гузаргоҳ, х.5, ҳуҷ. 3.
Телефон: (+992)904600460
E-mail: ikromovih80@ mail.ru.

Имзои профессор С.И. Раҷабзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур
хиёбони Рӯдакӣ 17
Телефон: (+992)-37-221-78-11
E-mail: iintnu@ mail.ru.
«28» ноябри 2024